Вохӯриву мулокоти масъулини Сарпрокуратураи харбӣ ва Прокуратурахои харбии гарнизонхои чумхурӣ бо хайати шахсии кисму вохидхои харбӣ дар доираи мавзуву масъалахои марбут ба фаъолияти хизматчиёни харбӣ, ки вобаста ба авзои кунунии чахони муосир дар паёми имсолаи Асосгузори сулху вахдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон, мухтарам Эмомалӣ Рахмон мухиму аввалиндарача арзёбӣ гардида буд, доир карда шуд.



Масъулини Сарпрокуратураи харбии чумхурӣ зимни баррасии мӯхтавои паёми навбатӣ, афсарону сарбозони дар толор чамъомадаи Полки таъминотӣ ва идоракунии Вазорати мудофиа ва дар симои онхо тамоми хизматчиёни харбии Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистонро ба хизмати содиконаву софдилона хидоят намуда, кайд карданд, ки пешгирии сатхи содиршавии чинояткорӣ, амалхои коррупсионӣ ва мубориза бар зидии ходисахои террористиву экстремистиро асоси фаъолияти хизматии хеш дар сафи чузъу томхо карор диханд.





Ин гуна машваратхои корӣ доир ба мухокима ва тахлилу баррасии бандхои алохидаи Паёми навбатии Асосгузори сулху вахдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон, мухтарам Эмомалӣ Рахмон аз рӯзи ироа гардидани он то ба имрӯз, аз чониби намояндагони сохторхои марбутаи давлатӣ, аз чумла кормандони макомоти прокуратура бо чалби хизматчиёни харбӣ дар кисму вохидхои низомӣ пайвата доир карда мешаванд.

Чунин як мулокоти судманд дар доираи накшаи кории кормандони макомоти Прокуратураи харбии гарнизони Душанбе низ, дар Бригадаи хамлаовари десантии Кӯшунхои зудамал ташкилу ба рох монда шуд, ки дар чараёни он як катор масъалахо баррасӣ гардида, хифзи суботу оромии чомеа, тартиботи баланди чамъиятӣ, волоияти конуну меъёру озодихо ва дар ин замина баланд бардоштани маърифати хукукии хизматчиёни харбӣ мухиму саривактӣ арзёбӣ гардид.